ПРОТОКОЛИ №18

маҷлиси Шурои диссертатсионии **6D.KOA-039**

аз «27» октябри соли 2025 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

Раиси Шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 29 майи соли 2023, №135/шд, тасдиқгардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 3 нафарашон докторони илми ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷалсаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ Сатторов Н.Р. ва аъзои комиссия номзади илмҳои ветеринарӣ Одинаев Қ.А., номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсия Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони

шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо заҳрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ кард.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо заҳрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

Ҳабибов Абдуҷалил Халилович - доктори илмҳои ветеринарӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии АИКТ.

Шарипов Маҳмадулло Азизович - номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири кафедраи тибби байтории Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя «29» декабри соли 2025, соати 10-00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 9 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбеков М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д.